Муаллиф: Насибчон Амонӣ
28.01.2014 23:07



Андешахои як точики Точикистон
пиромуни чашнвораи мусикии Афгонистон
Бознашр аз нашрияи "Хафта"

Дар хама озмунхои пешин хамеша овозхонхои чавони точик ва хазораи киш-вар бо ичрои таронахои ширин ва шевои форсии хеш ба пирӯзӣ расида буданд . Ин бор низ онон дар ин сабкати овозу мусикӣ пешгом хастанд. Харчанд хама 12 бехтарин овозхонхои хуб ва сохиби овозу лахни ши-рин хастанд, вале коршиносон ва ахли назар бар инанд, ки бидуни шакк ин бор дар бах-ши нихоии озмун ду овозхони точики кишвар Ораши Бориз ва Довуди Пажмон барои ба даст овардани унвони «Ситораи афгон» талош хоханд кард. Вале ба гунае, ки намо-яндагони созмони «Анчумани Хуросониён» хангоми баргузории махфили хосса дар Ко-бул ба ифтихори рох ёфтани ин ду овозхон ба бахши 12 бехтарин баён карданд, ин ду овоз-хон бо вижагии таронахонӣ ва овози бас фо-раму дилнишини худ ба дилхои дӯстдорони мусикии форсӣ рох ёфтанд ва онон дар оян-да на танхо дар махдудаи садо ва мусикии Афгонистон, балки дар осмони нопайдокано-ри овозу мусикии форсӣ чун ситорахои бемо-нанд хоханд дурахшид ва дилхои миллионхо нафарро тасхир хоханд кард.

«Бо лахчаи эронӣ нахон…»
Соли нӯхум аст, ки дар киш-вари хамзабону хамфарханг ва хамтаърих хамсояи мо Афгонистон чашнвораи овозхонхо бо номи «Сито-раи афгон» баргузор мегар-дад. Ин чашнвора хар бор сохибистеъдодхои навро дар пахнои мусикии кишвар па-дид меоварад, ки бархе аз онон холо дар сахнаи бузурги овозхонӣ хам бо садои гиро-ву шево ва ширини худ ба комёбихои назаррас даст ёфта-анд. Вале чашнвораи имсола бо як вижагии худ аз пешиниёнаш фарк дорад: ин бор аз худи огози чашнвора, ки мархилаи гузиниши 160 бехтарин дар шахру вилоятхо буд, якбора зухури ду овозхони точики ин

кишвар Ораши Бориз ва Довуди Пажмон хам доварон ва хам би-нандагони телевизиони «Тулӯъ»- ро ба вачд овард.
Садои фораму ширин, дониши хуби мусикӣ, махорати волои овозхонӣ ва интихо-би дурусти тарона якбора ононро нахуст дар садри мархилаи вилоятӣ ва пасон пешгоми мархилахои баъдии 160 бехтарин аз хама ви-лоёту шахри кишвар гардонд. Вале дар огоз кариб буд Орашро барои овозхонии монанд ба хониши бародарони эронӣ садди рохаш шаванд. Чун ӯ пас аз муаррифии хеш ба хон-дани таронаи «Аз исми расму хона…» сар карду ду -се байти онро хонд, якбора довар Тохири Шабоб бо ишораи боло кардани даст ӯро аз хондан боздошт ва каме ошуфта гуфт: --Ту бо лахчаи эронӣ мехонӣ…Бояд бо саб-ки … Вале хамин дам яке аз доварон гуфт, ки охир ӯ аз Хирот аст… Ишораи довар бар ин буд, ки гӯиши точикони Хироти бостон мо-нанди гӯиши бародарону хохарони эронист ва набояд ба гунаи овозхонии Ораш чунин нукта гирифт… Вале хамоно Тохири Шабоб «насихат» - и худро идома дод: --Лахчаи Хирот монанд аст ба эронӣ, вале… ту бояд аз чатри эронӣ берун шавӣ…
Ораш ба ин насихатгар бо назокати хос фахмонд, ки дар Афгонистон наметавон ки-тоби мусикӣ ва нотаро пайдо намуд ва ӯ аз китобхои мусикии чопи Эрон тамрин карда-аст… Чун довар дид, ки доварони дигар ӯро чонибдорӣ накарданд ва аллакай хунари овозхонии Орашро пазируфтанд, ӯ мачбур шуд, ки каме лахни гуфторашро дигар со-зад ва аз Ораш даъват кунад, ки таронаро бори дигар бихонад ва ин бор гиторро Ораш не, худи вай бинавозад… Шигифтиовар ин буд, ки Орашро барои ба гунаи эронӣ хон-данаш шахсе эрод гирифт, ки худ хамрохи гурӯхи хунарии чахорнафара таронаи «За-бони форсӣ»- ро хонда буд ва ин тарона, ки ба калами шоири машхур ва чавонмарги афгонистонӣ Каххори Осӣ тааллук дорад, холо писандидаи мардуми форсизабон аст…
Гузиниши Ораш
ба гунаи истисно
Доварон дар мархилаи интихоби 24 бехтарин аз байни 160 нафар низ бештар аз хама ба истеъдоди фавкулъоддаи ин ду овоз-хон ишора карданд ва хатто бемории Ораши Бориз боъис гардид, ки ба ин мархила 24 бехтарин не, балки 25 бехтарин рох ёбанд. Зеро он рӯз ба гуфтаи Ораш, ӯ аз Хирот рохи дарозеро тай карда ба Кобул мерасад ва дар рох бемор мешавад. Нахуст ба иллати беморӣ ӯ тарки озмун карданӣ мешавад, вале пас аз даво кардан пизишк ба ӯ ичоза медихад, ки дар озмун ширкат кунад. Чун шомгохӣ ба озмунгох мерасад, мебинад, ки он ба поён ра-сидааст ва доварон 24 бехтаринро интихоб кардаанд. Ораш ноумед ба хона баргаштанӣ мешавад, ки Мустафо гӯяндаи барномаи телевизионии «Ситораи афгон» ба доварон аз омадани Ораш хабар медихад ва онон, бо назардошти вазъи ба миёномада, ба гу-наи истисно, ба ин овозхон ичоза медиханд, ки хунари хешро нишон дихад. Чун овозхони чавони хиротӣ таронаи « «Танхоӣ…»-ро ме-хонад, хама бори дигар овозу хунари тарона-хонии ӯро меписанданд ва устод Ромишгар, як тан аз доварон мегӯяд, ки ин бор ба гунаи истисно шумори бехтаринхо на 24, балки 25 нафар мешавад.
Дар мархилаи пасини озмуни баргузи-ниши 12 бехтарин аз шумори 25 нафар до-варон нахустин шуда Орашро хамоно пас аз хунарнамоӣ шодбош гуфта, эълон мекунанд, ки ӯ нахустин шуда ба даври дигари озмун рох пайдо кард. Довуди Пажмон, ки равиши хоси овозхонии мардумиро доросту аз точикони Бадахшон намояндагӣ мекунад, низ дар ин давр газале аз Мавлоно хонда, бо касби ройъи хама доварон ба сафи 12 бехтарин рох ёфт. Лозим ба ёдоварист, ки ба гурӯхи 12 бехтарин овозхонхои хушистеъдод аз аквоми гуногуни кишвар, монанди паштун,хазора ва ӯзбак низ рох ёфтанд, вале бештар аз

нисфи ширкаткунандагони мархалаи нихоӣ намоян-дагони миллати точик, аз Кобул, Хирот, Ба-дахшон, Фарох ва дигар махалхои гуногуни кишвар буданд.
Акнун ройи тамошогарон
халкунанда аст
Вижагии «Ситораи афгон» дар ин аст, ки то мархилаи 12 бехтарин,гузиниш хама дар дасти чахор довар, мусикору охангсоз ва овозхонхои шинохтаи Афгонистон аст. Ин бор доваронро чунин чехрахои сарши-носи хунар, монанди Тохири Шабоб, хонум Шахло Залон, Косими Ромишгар ва Ахмад Фатхалихон намояндагӣ мекунанд. Вале аз огози хунарнамоии 12 бехтарин сарнавишти номзадхои озмун ба дасти худи бинандаго-ни телевизиони «Тулуъ» мегузарад ва онон хар хафта бо ройдихӣ аз телефонхои хеш бехтаринхоро муайян хоханд кард. Он овоз-хоне, ки ройи камтарин мегирад, аз идомаи сабкат махрум мегардад ва нихоят дар осто-наи чашни Соли Нав—Наврӯзи оламафрӯз пирӯзи чашнвора ва ситораи нави кишвар муайян хохад гардид.
Дар хама озмунхои пешин хамеша овозхонхои чавони точик ва хазораи киш-вар бо ичрои таронахои ширин ва шевои форсии хеш ба пирӯзӣ расида буданд . Ин бор низ онон дар ин сабкати овозу мусикӣ пешгом хастанд. Харчанд хама 12 бехтарин овозхонхои хуб ва сохиби овозу лахни ши-рин хастанд, вале коршиносон ва ахли назар бар инанд, ки бидуни шакк ин бор дар бах-ши нихоии озмун ду овозхони точики кишвар Ораши Бориз ва Довуди Пажмон барои ба даст овардани унвони «Ситораи афгон» талош хоханд кард. Вале ба гунае, ки намо-яндагони созмони «Анчумани Хуросониён» хангоми баргузории махфили хосса дар Ко-бул ба ифтихори рох ёфтани ин ду овозхон ба бахши 12 бехтарин баён карданд, ин ду овоз-хон бо вижагии таронахонӣ ва овози бас фо-раму дилнишини худ ба дилхои дӯстдорони мусикии форсӣ рох ёфтанд ва онон дар оян-да на танхо дар махдудаи садо ва мусикии Афгонистон, балки дар осмони нопайдокано-ри овозу мусикии форсӣ чун ситорахои бемо-нанд хоханд дурахшид ва дилхои миллионхо нафарро тасхир хоханд кард. Дере нагузаш-та, дурустии пешгӯии коршиносон ва ахли назар собит гардид. Дар озмуни 11 бехтарин, ки бори нахуст доварон ба додани имтиёзхо ба довталабон сар карданд, Ораши Бориз ва Довуди Пажмон имтиёзи пурраи ононро, ки 40 аст, сохиб гардиданд. Ба вижа, хангоме ки Ораш таронаи «Мо сулх мехохем»- ро, ки охангашро худ эчод кардааст, сароид, толорро мавчи карсакзанихои бардавом ва нидохои тахсиномез гӯё тарконд. Худи хамон рӯз чун ин таронаро ба Фейсбук гузоштанд, дар муддати чанд соат беш аз 1700 нафар бинанда онро писандид ва ба он анкариб 500 нафар шарх навишта , он таронаро яке аз офаридахои бехтарини солхои ахир дар Афгонистон хонданд. Хонандае менависад: «Илохӣ чахонгир шавӣ, Бориз! Дуруд бар модаре, ки туро зодааст!» ва бештари онон худ ба Ораш бахои баландтаринро додаанд. Ба навиштаи бинандаи дигар, дар таърихи чашнвораи «Ситораи афгон» то имрӯз чун Орашу Довуд овозхонхое, ки сабку равиши хоси таронахониро доранд ва сохиби овози бемонанд хастанд, дар арсаи хунар пайдо нашуда буданд. Вале, ба гунае ки гуфтем, сарнавишти пасини овозхонхоро ройи додаи тамошобинон хал хохад кард ва агар онон ба хунари овозхонхо казовати одилона ку-нанд, дар бахши нихоии озмун ба эхтимоли кавӣ мо шохиди сабкати Орашу Бориз хохем гардид, ки яке бо равиши поп мехонаду ёде аз Ахмад Зохири бузург мекунад ва дигаре ба сабки мардумӣ, ки моро боз ба фарханги бостонӣ ва ба гуфтаи худи Довуд, дар зери гарду хоки таърих мондаи точикон мебарад, ки онро Довуд дубора ба мардуми кишвар хадя мекунад.
«Ситораи афгон»
ва мо—ворорудиён

Шояд баъзе хонандагони мо бипур-санд, ки мо , мардуми Точикистон ва хама варорудиён чаро ба ин чашнвора холо чунин тавачҷӯх мекунем ва ин кор пеш-тар ба мушохида намерасид. Посух ба ин пурсишро шояд то чое худи шумо, хо-нандаи бориксанч, аз навиштахои боло пайдо кардаед. Бале, Афгонистон кишва-ри хамзабон ва хамтаъриху хамфарханги мост ва хар як рӯйдоди мухими ин кишвар, ба шумули рӯйдодхои фархангии он, ба-рои мо, точикони Вароруд чолиб ва арзиш-манд аст. Бубинед, харчанд ба даргузашти Ахмад Зохир 35 сол шуда, вале садои ин хунарманди нотакрор хамоно дар кишвари мо ва дар байни хама точику форсизабонон чойгохи хосса дорад. Ва ё корномаи точики бузург, сипахсолори номвар Ахмадшох Масъуд барои хар як точик ошно ва мояи ифтихори бемисл аст. Холо танхо зикри номи шахсиятхои саршиноси ин кишвар, ки зодаи хонадони точик хастанд, сафхахои зи-ёдеро мехохад. Охир дар ин кишвар, ки по-раи Хуросони бузург аст, беш аз 12 миллион точик зиндагӣ мекунад, ки ин анкариб ду баробари точикони Точикистон аст. Сарна-вишти онон, таъриху фарханги расму русу-ми онон, албатта, як пораи фарханг ва таъ-рихи умумиточикӣ ва умумифорсӣ аст ва аз ин нигох барномаи «Ситораи афгон» хам, ки дар он асосан таронахои форсӣ мехонанд, барои мо арзишманд ва чолиб аст. Албатта, хама таронахои форсӣ барои мо чун ша-кар ширин аст. Вале бояд гуфт, ки дар ин чашнвора борхову борхо таронахо аз ашъо-ри Одамушшуаро Абуабдуллохи Рӯдакӣ то сурудахои Лоики бузург хам садо додаанд ва хамчунин охангхои дилнишини Далер Назарову шодравон Одина Хошим ва дигар овозхонхои номдори Точикистон аз чониби овозхонхои чавони афгонистонӣ замзама гардидаанд, ки ин барои мо боз хам хушоянд аст Хамчунин таронахои овозхонхои шинох-таамон Чӯрабеки Мурод,шодравон Зафари Нозим, зиндаёд Кароматуллохи Курбон, Манижаи Давлат, Нигина Амонкулова , Шабнами -Сурайё, Нигора Холова, Мехринигори Рустам, Чонибеки Мурод ва даххо нафари дигар ба хаводорони мусикӣ дар Афгонистон писанданду ба мо, варорудиён сурудаву охангхои Амирчони Сабурӣ, хонум Махваш, Фарходи Дарё, Хангома,шодравонхо Зохир Хувайдо, Сорбон ,Ахмад Зохири нотакрор бас гуворову дилнишинанд. Чун мо чу-нин робитаи танготанги фархангӣ бо хама мардуми ин кишвар дорему бо точикони он чо узви як хонадон ва посдори забон ва фарханги ягонаем, месазад, ки бикӯшем, то мо битвонем, барномахои телевизио-нии хамдигарро бидуни мушкилот бубинем. Чун холо хеч ба телевизиони муштараки форсӣ даст намеёбем, хадди акал тавонем, ки бо хам табодули барномахои фархангӣ бикунем. Ё Точикистон метавонист ба чои барномахои футболу намоиши филмхои русии телевизионхои Русия як шаба-каи хешро ба барномахои телевизионхои хамзабононамон дар Афгонистону Эрон ва шабакахои телевизионии форсӣ дар Амри-кову Аврупо ихтисос медод, то бо ин рохи бас некӯ мо чунин барномахои чолиб, монан-ди «Ситораи афгон»- ро ба гунаи мустаким тамошо карда, ба хам наздиктар мешудем, хамдигарро хубтар мешинохтем ва дарк мекардем, ки мо хама бародару хохарем ва хеч эхсоси бегонагӣ надорем ва сиёсатхо ва бегонапарварихо ва номустакилихо буданд, ки моро аз хам дур нигох медоштанд… Мо-дом ки мо дар замони чахонишавӣ барои хифзи забону фарханг ва хуввияти хеш ба хамгароӣ ниёз дошта бошем, чунин хамгароӣ, пеш аз хама ,албатта, бояд бо хамзабонон ва хаммиллатонамон дар саросари гетӣ бо-шад, на бо кишвархое, ки фархангу забон ва таърихи бегона доранду моро бо суханони дурӯгини «шарики стратегӣ» мутеъ ва бар-даи хеш карданианд.

Чаро «Ситораи афгон»?

Вале дар мавриди ин ки ин чашнвораро «Ситораи афгон» ном карданд, ханӯз аз огози он бахсхо сурат гирифта буд ва холо низ он идома дорад. Ба андешаи бештари ононе, ки

чонибдори «Ситораи афгон» номида шудани чашнвора хастанд, «афгон» вожаест, ки ба хама афгонистониён иртибот мегирад. Вале гурӯхи дигар ба ин андеша мухолифанд ва мегӯянд, ки вожаи «афгон» хамеша ифода-кунандаи як маънӣ, яъне паштун аст ва аз ин нигох «Ситораи афгон» номгузорӣ шудани ин чашнвора хам чун хама мардуми ин кишварро «афгон» номидан, дуруст нест. Агар ба таъри-ху фарханг ва мардуми кишвар бингарем, ба хубӣ эхсос мекунем, ки чонибдорони гурӯхи дуюм хакбачонибанд. Зеро таърихи ин киш-вар бештар бо мардуми точик ва дигар аквоми гайри паштун бастагӣ дораду фарханги онон дар чомеа накши бештаре дорад. Хамчунин Афгонистон кишвари бисёрмиллат аст ва дар ин кишвар ягон кавм аксарият нест, танхо ин чо забони аксарият хаст, ки он хам на за-бони пашту, балки форсист, ки забони аслии точикону хазорахо ва чанд аквоми дигари кишвар аст…
Пиромуни вожаи афгон ва хамчунин номи чашнвора вактхои ахир бахс боз хам догтар шуд ва хатто он сабабгори гирдихамоихои эътирозии бемонанди точикон дар шахри Кобул ва баъзе вилоёти кишвар, аз чумла вилояти Гӯр гардид. Зеро такрибан як мох пеш ду кавмгаро-- генерал Токат ва Исмоили Юн дар гуфтугӯи телевизионии Жвандун дар хакки точикон ва дигар аквоми гайрипаштун суханони тавхиномез баён карданд ва онон паштунхоро кавми асосии кишвар ва аквоми дигарро омада аз хорич ва хатто…харомӣ эълон карданд. Чунин суханон, ки дар киш-вар аз ин пеш хам бо шевахои гуногун аз забони кабилагароёни паштун на як бору ду бор садо дода буданд ,ин бор косаи сабри точикон ва гайри паштунхоро лабрез сохт ва хазорон нафар бо шиорхои «Мо афгон нестем!» ба майдонхо рехтанд. Афгон будан ё набудани шахрвандони кишвар хамчунин дар расонахои гурӯхӣ ва дар дунёи мачозӣ ба гунаи васеъ мавриди баррасӣ карор ги-рифт ва дар Фейсбук холо низ даххо матлаб ва лавхаю навиштачоти «Мо афгон нестем!», «Афгон= паштун!» ба чоп расиданд. Дар ин навиштахо шахрвандон бо далелу арком зикр мекарданд, ки дар кишвари бисёрмиллат чун Афгонистон наметавон хама мардумро бо номи як миллат, яъне афгон(паштун) ёд кард ва ин чо миллатхои точик, афгон( паштун), хазора, ӯзбак, туркман, нуристонӣ, балуч, пашаӣ ва гайра зиндагӣ мекунанд. Акс ва сояи ин бахсхо ва чанчолхо то чое хатто ба чашнвораи «Ситораи афгон» афтод. Дар огоз дастандаркорони ин чашнвора таронаеро, ки дар он аз афгон ёд мешавад, ба барнома ворид карданд ва онро ширкаткунандагони озмуни 12 бехтарин ба гунаи гурӯхӣ сароиданд. Вале дар худи огози чашнвора сарояндаи хушовоз Довуди Пажмон, ки аз точикони Бадахшон аст, таронаи « Бӯйи Чӯи Мӯлиён ояд хаме…»- и устод Рӯдакиро замзама карда, хамагонро ба ёди Бухорои шариф бурд…Сониян, барои таъкиди намояндаи кавми хазора будани хеш овозхони хушсалика Анохито Улфат хамеша бо либоси хоси хазорахо ба сахна мебаро-яд ва бештар таронахои форсӣ бо шеваи хазорагӣ мехонад… Ва хатто Сӯхроби Илёр, ки аз кавми ӯзбак аст, дар таронаи ахири хеш оханги дар ӯзбакистон машхурро бо каме ди-гар кардани матн хонда, гуфт, ки « ман фар-занди ӯзбакам», ки хамаи ин ишорахоест бар ин ки онон афгон нестанд…
Аз ин нигох, ба андешаи нигоранда ва хам таъкиди худи точикони ин кишвар бояд ба номи чашнвора тачдиди назар кард ва онро «Ситораи Афгонистон» номгузорӣ намуд, то он ситорае, ки дар осмони мусикӣ ва овоз-хонии кишвар пайдо мегардад, ба як кавми алохида, яъне паштун мутааллик нагарди-да, Ситораи хамаи мардуми кишвар, яъне Афгонистон шавад. Аз сӯи дига, ба гунае, ки гуфтем, дар 8 чашнвораи пешин боре хам ба афгонхо( паштунхо) муяссар нагардидааст, ки ба пирӯзӣ бирасанд ва Ситораи вокеии афгон шаванд. Дар хамаи ин чашнвора точикон ва ё хазорахо дастболо шудаанд, ки ин хам то чое «Ситораи афгон» ном кардани чашнвораро зери пурсиш мебарад ва бори

дигар ба дурусту фарогир будани номи «Ситораи Афгонистон» далолат мекунад.